НУСХА

аз суратҷаласаи №1

кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

31 августи соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** дотсент П.З. Мирзозода, профессорон М.З. Раҳимзода, А.Д. Ғафурзода, Д.Ш. Сангинов, Ш.К. Ғаюрзода, дотсентон Ғ.М. Бобокалонов, Р.Б. Мирбобоева, Э.Д. Кабутов, С.К. Ризоева, Н.И. Муминзода, Р.В. Шарифов, ассистентон С.И. Исмонализода, Х.С. Каримов, Ш. Шабонов, Ф. Азамқулов, Х. Раҷабзода Ш. Мансурӣ, Абдулхайри Ҳ, Ф.А. Амирзода, Р.С. Маҷидова (котиб)

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**5. Муҳокимаи рисолаи доктори дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ" зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло**

Раисикунандаи ҷаласа, д.и.ҳ., профессор Сангинзод Д. Ш. қайд намуд, ки яке аз масъалаи ҷаласа муҳокимаи рисолаи доктори дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ" зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктахои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба доктарант Мирзозода Парвон Зайналобудин дода шуд. **(Баромад замима мегардад).**

Баъди баромади Мирзозода П.З. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуданд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонида шуданд.

Раисикунандаи ҷаласа қайд намуд, ки нусхаҳои рисола ба устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети

ҳуқуқшиносии ДМТ докторони илми ҳуқуқшиносӣ профессорон Раҳимзода М.З., Ғафурзода А.Д. ва Сангинзод Д.Ш. пешакӣ таксим гардида буданд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешахояшонро оид ба рисола дар ҷаласаи кафедра иброз намоянд.

Нахустсухан ба д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Мирзозода П.З. иброз намуда, қайд кард, ки рисслаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омсда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Сипас, д.и.х., профессор Ғафурзода А.Д. баромад намуда, қайд кард, ки аз таҳлили кори илмии унвонҷӯи кафедра Мирзозода П.З. бармеояд, ки он анҷомёфта мебошад. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, профессор Ғафурзода А.Д.

Баъдан д.и.х., профессор Ғаюрзода Ш.К. оид ба рисолаи доктори дотсенти кафедра Мирзозода П.З. чунин изхор намуд, ки дар ҳақиқат рисола ба анҷом расидааст ва шакли комилро соҳиб аст. Ҳамчунин норасоиҳо ва камбудиҳое, ки қаблан дар кор мавҷуд буданд, бартараф шудаанд. Талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя карда шудааст. Бинобар ин, хуб мешавад, ки хулосаи кафедра ба унвонҷӯ дода шавад, то ин ки рисоларо барои баррасӣ дар ҷаласаи муштараки факултети ҳуқуқшиносӣ пешниҳод намояд.

Раискунандаи маҷлис д.и.х., профессор Сангинзод Д.Ш. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи баланд навишта шудааст ва аз ин рӯ, қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамин тариқ,. устодони кафедра дар ҳайати профессор Раҳимзода М.З., профессор Ғафурзода А.Д., профессор Сангинзод Д.Ш., профессор Ғаюрзода Ш.К., дотсент Мирбобоева Р.В, дотсент Бобокалонов Ғ.М., дотсент Ризоева С.К., дотсент Муминзода Н.И., дотсент Шарипов И.М., н.и.ҳ., Ш. Мансурӣ, ассистент Исмонализода С.И., ассистент Каримов Х.С., ассистент Шабонов Ш., ассистент Азамкулов Ф., ассистент Раҷабзода Х., ассистент Абдулхайри Ҳ., ассистент Амирали Ф.А. ки рисолаи илмиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода буданд, хулосаи мусбати худро вобаста ба рисолаи мазкур иброз намуданд.

**Қарор карда шуд:**

**1.** Рисолаи доктори дотсент Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба зинаи дигари экспертизаи илмӣ ва Шурои диссертатсионӣ барои ҳимоя тавсия карда шавад.

**2.** Ба унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ" зери роҳбарии д.и.х;., профессор Ғаюрзода Ш.К., хулосаи мусбии кафедра дода шавад (Хулосаи кафедра замима мегардад).

**Раиси ҷаласа доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ**
**ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ:** **Сангинзод Д. Ш.**

**Котиби ҷаласа лаборанти кафедра:** **Маҷидова Р.С.**

**Имзои Сангинзод Д. Ш. ва Маҷидова Р.С. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**

31.08.22